**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Холов Шералӣ Ибодуллоевич дар мавзуи «Саҳми донишгоҳҳои равияи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр намудани кадрҳо (солҳои 1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300-таърихи ватанӣ

Диссертатсияи Холов Шералӣ Ибодуллоевич дар мавзуи «Саҳми донишгоҳҳои равияи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр намудани кадрҳо (солҳои 1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300-таърихи ватанӣ омода карда шудааст. Таҳқиқоти мазкур таърихи фаъолияти донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии ҷумҳуриро дар 25 соли замони соҳибистиқлолӣ фарогир аст. Масоили меҳварии мавзуи таҳқиқотро таҳаввулоти донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ, пойгоҳи моддӣ-техникӣ ва захираи зеҳниву дастовардҳои илмии онҳо ва ҳамзамон, вазъи омодасозии мутахассисони соҳаи муҳандисӣ-техникӣ ташкил медиҳад.

Бояд гуфт, ки таҳқиқоти анҷомёфта на танҳо таҳлили назариявӣ ва илмӣ, балки таҷриба ва дастоварду норасоиҳои донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии ҷумҳуриро нишон додааст. Таҳлилҳои амиқ, асосноксозии нуктаҳои илмӣ бо ғояву афкори олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври комил нишон дода шудааст.

Аҳаммияти рисолаи мазкур барои кишвари мо хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро он барои анҷоми корҳои илмии муаррихон, мутахассисони соҳаи маориф ва донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар ҷиҳати дурнамои омодасозии мутахассисон ёрӣ мерасонад. Натиҷаи таҳқиқотро метавон барои таҳияи стандартҳо, нақшаву барномаҳои давлатӣ дар самти омодасозии кадрҳои техникӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва маводди иловагии омӯзиш дар макотиби олии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор дод. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия барои таҳқиқи бисёр масъалаҳои мубрами таърихи маориф ва илми кишвар дар замони истиқлол ва низоми омодасозии мутахассисон муфид мебошанд.

Муаллифи рисола назди худ мақсад гузоштааст, ки таърихи донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникӣ ва вазъи омода кардани мутахассисони соҳаҳои муҳандисӣ-техникиро дар 25 соли замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намояд. Барои анҷоми ин мақсад вазифаҳои дар наздаш гузошташударо бомуваффақият иҷро намудааст.

Сохтори рисола бо назардошти фаъолияти донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии ҷумҳурӣ ва саҳми онҳо дар омода кардани мутахассисон таҳия ва омода карда шуда, фарогири муқаддима, 2 боб, 6 зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Боби якуми рисола ба «Раванди таъсис ва таҳкими низоми донишгоҳу донишкадаҳои техникии Тоҷикистон дар замони истиқлол» бахшида шуда, дар он масоили ҷойгоҳи равияҳои техникӣ дар низоми таҳсилоти олии кишвар, таъсиси донишгоҳу донишкадаҳои нави техникӣ дар Тоҷикистон, таҳаввулоти пойгоҳи моддӣ-техникӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои техникии Тоҷикистон ба таври муфассал таҳқиқ гардидааст. Зимни таҳқиқ таърихи рушди илмҳои техникӣ, марказҳои таълимии соҳаи техникӣ, равобити ногусастании илмҳои ҷамъиятиву техникӣ, моделҳои таълимӣ, давраҳои таҳаввул ва мавқеи равияҳои техникӣ дар низоми маорифи Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд.

Боби дуюми рисола «Ҷойгоҳи донишгоҳу донишкадаҳои техникии Тоҷикистон дар пешрафти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва омода намудани кадрҳои маҳаллӣ» ном дошта, дар он дастовардҳои илмӣ-таҳқиқотии устодони донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ, равобити илмӣ-таълимии донишгоҳу донишкадаҳои техникии Тоҷикистон бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ ва сатҳи омода намудани кадрҳои маҳаллӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Хулосаи рисола ҷамъбасти мантиқии таҳқиқоти анҷомёфта буда, муаллиф пешниҳодҳои муфиду ҷолибро, ки барои фаъолияти минбаъдаи донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии ҷумҳурӣ ҷиҳати омода кардани мутахассисони соҳаи муҳандисӣ-техникӣ мусоидат мекунад, ироа кардааст. Мазмун ва мундариҷаи рисола, пайдарҳамӣ ва васли мантиқии бобҳои рисола,

таҳлилу натиҷагирӣ ва хулосаву пешниҳодҳо далели он аст, ки муаллифи рисола малакаи хуби таҳқиқи ҳаводису воқеоти таърихиро доро буда, бо услубу равишҳои тоза таҳқиқоти илмиро ба анҷом расонидааст.

Бо назардошти омилҳои болозикр метавон гуфт, ки таҳқиқоти диссертатсионии Холов Шералӣ Ибодуллоевич дар мавзуи «Саҳми донишгоҳҳои равияи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр намудани кадрҳо (солҳои 1991-2016)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300-таърихи ватанӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори
илмҳои таърих, профессор Расулиён Қ.Р.

12.06.2024

Имзои д.и.т., профессор Расулиёнро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.